# РАВАНДИ ҚОНУНИГАРДОНИИ МАБЛАҒҲОИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОНКҲО

Бонки миллии Тоҷикистон

Душанбе – 25.08.2021

# РОҲҲОИ ҚОНУНИГАРДОНИИ МАБЛАҒҲО



Тавассути пасандозгузорӣ

Тавассути маблағгузорӣ

Ба **пасандози** бонкии мухлатноки ҳадди ақал аз 12 моҳ (яксола) гузоштани маблағҳои қонунигардонидашаванда



Ба соҳаҳои бо моддаи 6 Қонуни авф пешбинишуда **маблағгузорӣ** намудани маблағҳои қонунигардонидашаванда

# МУРОҶИАТ БА БОНК

1 ➢Муроҷиати шаҳрванд ба Бонк

2 ➢Интихоби варианти қонунигардонии маблағҳо/мақсад/истифода






Тавассути маблағгузорӣ

Тавассути пасандозгузорӣ

3 Дар Бонк расмӣ намудани варианти интихобнамудаи қонунигардонии маблағҳои худ (<u>тавассути маблағгузорӣ, тавассути пасандозгузорӣ</u>) бо роҳи пур кардани ариза оид ба қонунигардонии маблағҳо, ки шакли он аз ҷониби БМТ тасдиқ шудааст.

## Пас аз пешниҳод намудани ариза аз ҷониби шаҳрванд **тавассути пасандозгузорӣ**, Бонк чунин амал менамояд:

1. Ба шаҳрванд намудҳои пасандози бонкии муҳлатноки <u>ҳадди ақал</u> аз яксоларо (360 ё 365 рӯз), ки дар бонк мавҷуд аст, муаррифӣ менамояд.

2. Намуди пасандози бонкии интихобнамудаи шаҳрвандро тибқи тартиби муқаррашуда бо ҳуҷҷатгузорӣ ба расмият медарорад. Аз ҷумла, ариза, шартномаи дахлдор бо нишон додани таъинот ва мақсади қонунигардонӣ дар шартнома ва дигар ҳуҷҷатҳо.

3. Бонк ҳангоми қонунигардонии маблағҳо иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи ҳатли ом»-ро (тадбирҳо оид ба санҷиши дахлдори муштарӣ ва руйхатҳои мавҷудаи шахсони бо терроризм алоқаманд, инчунин кишварҳое, ки талаботҳои ФАТФ-ро ба таври дахлдор (изҳороти расмии ФАТФ) иҷро намекунанд ва ғайра) амалӣ менамояд.

4. Суратҳисоби пасандози (амонати исломии) муҳлатноки дахлдорро (<u>ҳадди ақал аз яксола)</u> мекушояд ва мушаххасоти онро дар паси ариза оид ба қонунигардонии маблағҳо дарҷ менамояд.

Пас аз пешниҳод намудани ариза аз ҷониби шаҳрванд**, тавассути маблағгузорӣ** Бонк чунин амал менамояд:

1. Ҳуҷҷатгузорӣ ва барасмиятдарории дахлдорро ҷиҳати кушодани суратҳисоби амонати дархостшаванда тибқи қоидаҳои дар бонк муқарраршуда анҷом медиҳад. Аз ҷумла, ариза шартномаи дахлдор бо нишон додани таъинот ва мақсади қонунигардонӣ дар шартнома ва дигар ҳуҷҷатҳо.

**2. Бонк ҳангоми қонунигардонии маблағҳо иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи ҳатли ом»-ро (тадбирҳо оид ба санҷиши дахлдори муштарӣ ва руйхатҳои мавҷудаи шахсони бо терроризм алоқаманд, инчунин кишварҳое, ки талаботҳои ФАТФ-ро ба таври дахлдор (изҳороти расмии ФАТФ) иҷро намекунанд ва ғайра) амалӣ менамояд.**

**3. Суратҳисоби амонатии дархостшавандаи дахлдорро мекушояд ва мушаххасоти онро дар паси ариза оид ба қонунигардонии маблағҳо дарҷ менамояд.**

**Тавассути пасандозгузорӣ**

Шаҳрванд маблағҳоро бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ бо роҳи пардохти нақдӣ ва ё ғайринақдӣ тибқи тартиби амалиётҳои дар Бонк муқарраршуда ба суратҳисоби пасандози (амонати исломии) мухлатноки кушодашуда ворид менамояд ва Бонк таъинот ва мақсади қонунигардониро дар ҳуҷҷати воридоти маблағ ишора менамояд

**Тавассути маблағгузорӣ**

Шаҳрванд маблағҳоро бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ бо роҳи пардохти нақдӣ ва ё ғайринақдӣ тибқи тартиби амалиётҳои дар Бонк муқарраршуда ба суратҳисоби амонати дархостшавандаи кушодашуда ворид менамояд ва Бонк таъинот ва мақсади қонунигардониро дар ҳуҷҷати воридоти маблағ ишора менамояд





Пас аз ба суратҳисоби бонкии кушодашуда аз ҷониби шаҳрванд ворид намудани маблағ, **тавассути пасандозгузорӣ** Бонк чунин амал менамояд:

1 Шаҳодатномаро дар шакли аз ҷониби БМТ тасдиқшуда пур карда, дар варақаи махсуси аз БМТ гирифташуда чоп менамояд ва бо имзои роҳбару сармуҳосиби сарбонк дар давоми ду рӯзи корӣ ба расмият медарорад.

2 Маълумотҳои дахлдорро ба Феҳристи бақайдгирии варақаи шаҳодатномаҳо, ки шакли онро БМТ тасдиқ намудааст, дар давоми ду рӯзи корӣ ворид менамояд.

3 Бо гирифтани имзои шаҳрванд дар Феҳристи бақайдгирии варақаи шаҳодатномаҳо Шаҳодатномаро ба шаҳрванд дар давоми як рӯзи корӣ месупорад.

# Пас аз ба суратҳисоби бонкии кушодашуда аз ҷониби шаҳрванд ворид намудани маблағ **тавассути маблағгузорӣ** Бонк чунин амал менамояд

1. Аз ҷониби шаҳрванд ба соҳаҳои бо моддаи 6 Қонуни авф пешбинишуда дар шакли ғайринақдӣ маблағгузорӣ намудани маблағҳои қонунигардонидашаванда ва пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиққунандаро интизор мешавад.

2. Пас аз ҷониби шаҳрванд амалӣ шудани маблағгузорӣ ва пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳои дахлдор, Бонк Шаҳодатномаро дар шакли аз ҷониби БМТ тасдиқшуда пур карда, дар варақаи махсуси аз БМТ гирифташуда чоп менамояд ва бо имзои роҳбару сармуҳосиби сарбонк дар давоми ду рӯзи корӣ ба расмият медарорад.

3. Маълумотҳои дахлдорро ба Феҳристи бақайдгирии варақаи шаҳодатномаҳо, ки шакли онро БМТ тасдиқ намудааст, дар давоми ду рӯзи корӣ ворид менамояд.

4. Бо гирифтани имзои шаҳрванд дар Феҳристи бақайдгирии варақаи шаҳодатномаҳо Шаҳодатномаро ба шаҳрванд дар давоми як рӯзи корӣ месупорад.

**Ҳуҷҷатҳое, ки амалӣ гардидани маблағгузориро ба соҳаҳои бо моддаи 6 Қонуни авф пешбинишуда тасдиқ менамоянд:**
- супоришномаи пардохт оиди интиқоли ғайринақдии маблағ (ҳатмӣ);
- шартномаҳои дахлдор, ҳуҷҷатҳои таъсисии соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ, дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи амалинамоии сармоягузорӣ (вобаста аз намуди сармоягузорӣ).

# Муқаррароти махсус оид ба қонунигардонии маблағҳо

Тавассути пасандозгузорӣ

- Дар сурати аз суратҳисобҳои пасандози муҳлатнок ё амонати исломии муҳлатнок, ки тибқи шартнома бо бонк **бо мақсади қонунигардонии маблағҳо** кушода шудаанд, пеш аз муҳлат бозпас гирифтани пули миллӣ ё асъор, аз ҷониби бонкҳо **5 фоиз** аз маблағ ситонида, ба буҷети давлат пардохт карда мешавад.

- Агар маблағҳои қонунигардонидашудаи суратҳисобҳои пасандози муҳлатнок ё амонати исломии муҳлатнок бо пули миллӣ ё асъор пеш аз муҳлат дар шакли ғайринақдӣ бозпас гирифта шуда, тибқи бандҳои 2)-18) қисми 1 моддаи 6 Қонуни авф равона карда шаванд, пас аз ҷониби бонкҳо **5 фоиз** аз маблағ ба буҷети давлат ситонида намешавад.

- Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маблағҳои қонунигардонидашуда, аз ҷумла маблағҳо аз фурӯши дороиҳои қонунигардонидашудаи худро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳамчун пасандози муҳлатнок ва ё амонати исломии муҳлатнок мегузоранд, дар давоми панҷ соли пас аз мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур ба тариқи истисно аз пардохти андоз аз даромади чунин пасандозҳо озод карда мешаванд.

# Муқаррароти махсус оид ба қонунигардонии маблағҳо

Тавассути маблағгузорӣ

Дар сурати аз ҷониби шаҳрванд пас аз ба суратҳисоби амонати дархостшаванда ворид намудани маблағ, анҷом надодани маблағгузорӣ ва қабули қарорӣ ба пасандози муҳлатнок гузоштани маблағ, Бонк ин маблағҳоро ба пасандози муҳлатноки ҳадди ақал аз 12 моҳ (яксола) қабул карда, аз рӯи қоидаҳои қонунигардонӣ **тавассути пасандозгузорӣ** амал менамояд.

Аз суратҳисоби амонати дархостшаванда, ки бо мақсади қонунигардонии маблағҳо кушода шудааст, маблағҳо танҳо барои амалӣ намудани маблағгузорӣ тибқи бандҳои 2)-18) қисми 1 моддаи 6 Қонуни авф ё ба пасандози муҳлатнок гузоштани маблағҳои чунин суратҳисоб равона шуда метавонанд.



# Ҳисоботдиҳии Бонк ба БМТ



Тавассути пасандозгузорӣ

Бонкҳо мутобиқи Шакли ҳисоботи оморӣ оид ба маблағҳои қонунигардонидашудаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби БМТ тасдиқ шудааст, **ҳар моҳ дар муҳлати на дертар аз санаи 7 моҳи минбаъда** ба БМТ **бо таъмини махфият** ҳисоботи электронӣ (ба суроғаи почтаи электронӣ ob@nbt.tj) пешниҳод менамоянд.

Тавассути маблағгузорӣ



# Дигар талаботҳо




Тавассути пасандозгузорӣ

1. Тибқи банди 13 Талаботи махсус ҳангоми кушодани суратҳисобҳои амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба онҳо маблағҳои қонунигардонидашаванда ворид карда мешаванд, ки бо қарори Раёсати БМТ аз 6 августи соли 2021, №126 тасдиқ карда шудааст **ҷуброни хароҷоти бонкҳо** вобаста ба арзиши аслии варақаҳои шаҳодатнома **аз ҳисоби шаҳрванд**, ки барои қонунигардонии маблағҳо муроҷиат намудааст, **пардохт** карда мешавад.

2. Ҳангоми барасмиятдарории қонунигардонии маблағҳои шаҳрвандон, **ҳамаи хароҷот вобаста ба кушодани суратҳисобҳои бонкии дахлдор** ва хизматрасонии онҳо, ки бо тарифҳои тасдиқшудаи Бонк пешбинӣ карда шудааст, **аз ҳисоби шаҳрвандон** пардохт карда мешаванд.

Тавассути маблағгузорӣ



# ДИҚҚАТ!!!

**Талаботи махсус ҳангоми кушодани суратҳисобҳои амонати муҳлатнок ё дархостшавандаи бонкӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба онҳо маблағҳои қонунигардонидашаванда ворид карда мешаванд, намунаи шакли шаҳодатнома оид ба қонунигардонии маблағ дар варақаи махсус, шакли ҳисобот ва рӯйхати бонкҳои ваколатдор бо қарори Раёсати БМТ аз 6 августи соли 2021, №126 тасдиқ карда шуда, дар сомонаи БМТ (**https://nbt.tj/tj/amnesty/**) дастрас мебошад.**

***Дар ҳолати пайдо шудани саволҳо бонкҳои ваколатдор метавонанд ба намояндагони департаменти назорати бонкӣ тавассути телефони (44) 600 31 89, департаменти мониторинги молиявӣ тавассути телефони (44) 600 36 88 ва идораи ҳуқуқи Бонки миллии Тоҷикистон тавассути телефони (44) 600 31 60 муроҷиат намоянд!***

***Шаҳрвандон метавонанд дар сурати пайдо шудани саволҳо ба бонкҳои ваколатдор муроҷиат намоянд!***